«Тасдиқ менамоям»

Ректори ДДТТ,

д.и.т., профессор Назарзода Х. Х.

_______________________

«08» 02 с. 2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

ба Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзӯи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Алимова Муборак Алимҷоновна, 1 – уми январи соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Солҳои 2001-2006 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Солҳои 2006-2010 аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Солҳои 2010-2012 мутахассиси пешбари шуъбаи иқтисодиёти Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Анзоб.

Аз соли 2012-2013 муовини сардори шуъбаи банақшагирии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Анзоб.

Аз соли 2013-2014 сарнозири шуъбаи равобити хориҷии департаменти равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоӣ оид ба ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои байналмиллалӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

Аз соли 2014-2016 саромӯзгори кафедраи маркетинги соҳавӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

Аз соли 2016-2016 мутахассис оид ба лоиҳаҳо ва гранти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Аз соли 2017-2019 корманди шуъбаи кор бо кӯдакони сарпараст дар

Ташкилоти байналмилалии «Международное добрососедство», шаҳри Душанбе.

Аз соли 2019-2021 Директори Ташкилоти ҷамъиятии «Рушди босуботи Тоҷикистон», шаҳри Душанбе.

Аз соли 2021 то 2023 муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Мавзӯи диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 2 - юми сентябри соли 2019, қарори №2 тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳони ихтисос бо баҳои 5 (аъло) супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 1 то мақола дар маҷалаи илмии Scopus, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Рауфӣ Абдуғаффор доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи «Рушди бозори хизматҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**

Кори диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзӯи «Рушди бозори хизматҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ба масоили мубрами рушди алоқаи мобилӣ бахшида шудааст. Марҳилаи нави рушди иқтисоди Тоҷикистон бештар бо рушд ва истифодаи самараноки алоқаи мобилӣ алоқаманд аст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди сармояи инсонӣ омили асосии рушди устувор дониста шудааст, ки самаранокии он бояд саривақтӣ ва самаранокии татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд.

Дар шароити имрӯза дар баробари ҳалли дигар мушкилоти иқтисодӣ дар назди давлат вазифаи рақамикунонии босуръати иқтисодиёт меистад. Марҳилаи аввалии бозсозии муносибатҳои иқтисодиро, бидуни низоми муосири иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ки барои идоракунии хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти

миллӣ амалкунанда ниҳоят муфид ва фоидаовар аст, ғайриимкон мебошад. То ин дам истгоҳҳои алоқаи аналогии аз замони шуравӣ боқимонда, ки ба талаботи субъектҳои иқтисодӣ мувофиқат намекунад ва дар замони ҷанги шаҳрванди пурра ғайри қобили истифода гардида буданд ин вазифаи мураккабро ҳал намудан номумкин аст. Бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ба истифодаи фановариҳои нави рақамии замонавӣ, инфрасохтори мувофиқ, кадрҳои баландихтисос ва ғ.алоқаманд мебошад. Роҳи ҳалли масоил ба мавҷудияти сармояҳои ниҳоят калон вобаста аст. Муҳим будани мавзӯи баррасишаванда низ ба омилҳои дар боло зикргардида алоқаманд буда, барои аз нигоҳи илмӣ ошкор намудани мушкилоти мавҷудда ва пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок, ки ба усулҳои махсуси илмӣ алоқаманад мебошад, таҳқиқи мавзӯи мазкурро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва асоснок менамояд.

Диссертатсия бо забони илмӣ навишта шудааст, таҳқиқоти тахассусии ба анҷом расонидашударо ифода менамояд, мақсади кор ба даст омадааст, масъалаҳо дар мувофиқат ба услубҳои интихобшуда ҳал гардидаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок карда шуданд.

### 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Кори диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзӯи «Рушди бозори хизматҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» бо мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси ***08.00.05*** – иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (***08.00.05.01*** – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ банди (III.) зербандҳои 3. – Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 24. – Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 27. – Дастгирии давлатии рушди савдои хусусӣ ва корпоративӣ дар малакат, минтақа ва соҳаҳо. 31.– Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ, мувофиқ мебошанд. Диссертатсия мазкур барои ҳимоя тавсия дода шуд.

### 3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди иқтисодиёти рақами барои давраи то соли 2040 дарҷ гардидааст, робита дорад.

Инчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, иҷро гардидааст.

## 4. Навгонии илмии таҳқиқот

Навгониҳои илмии таҳқиқотро асосноккунии назариявию амалӣ, истифодаи афзорҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, оптимизатсионӣ, инчунин такмили механизми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар гирифтааст.

Натиҷаҳои асосие, ки дар заминаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ноил гардидааст, таҳияи мафҳумҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, таҳлили вазъи кунунӣ, таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, таҳлили шохиси рушди соҳаи телекоммуникатсия, ки аз тарафи институтҳои байналмилалии иқтисодӣ ва Созмони Миллали Мутаҳид арзёбӣ карда мешавад, коркарди амсилаҳои иқтисодӣ - математикӣ ва оптимизатсионӣ, таҳияи самтҳои афзалиятнок, инчунин такмили механзими рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мебошанд.

### Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмӣ - назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- Мукаммалгардонии масоили назариявӣ, амалӣ, методҳо ва роҳҳои рушди БХАМ вобаста ба шароити рақамикунонӣ;
- Таҳқиқи омилҳое, ки ба рушди ояндаи бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъсир мерасонанд;
- Таҳлили вазъи кунунии бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ;
- Арзёбии омилҳои ҷузъӣ ва хусусиятҳои тарофавии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ бо дарназардошти вазъи пешниҳоди хизматрасонӣ;
- Таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии пешниҳоди алоқаи мобилӣ бо дарназардошти нишондиҳандаҳои ҷории хизматрасониҳо;
- Асоснокунӣ ва ошкорсозии самтҳои афзалиятнок, такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва таҳияи стратегияи ташаккули бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ.

## 5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқшуда 16 мақола ва корҳои илмӣ аз ҷумла, 1 то мақола дар маҷаллаи Scopus 8 то мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, инчунин 7 то мақола дар кофронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ (БО ЗАБОНИ АСЛ)

### а) Маҷалаи Scopus

[1-М]. Alimova M.A. Organizational and economic foundation of improving the quality of mobile communication services in the conditions of digitalization of the economy of the Republic of Tajikistan / M. Alimova // Journal of Data Acquisition and Processing Vol. 38 (2) 2023 P. 4430 – 4435.

**б) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[2-М]. Алимова М.А. Нақши фановариҳои иттилоотӣ дар рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ / М.А. Алимова // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе. 2022. №2(41). - С.417-421;

[3-М]. Алимова М.А. Масъалаҳои рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Алимова // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе. 2022. №3(42). - С. 73-77;

[4-М]. Алимова М.А. Самтҳои асосии инкишофи мутаносиби бозори хадамоти иттилоотӣ дар асоси равиши захиравӣ дар ҶТ / М.А. Алимова // «Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон». – Душанбе. 2022. №4/1(43). - С. 237-243;

[5-М]. Алимова М.А. Потенциальные возможности формирования ИКТ-кластера на базе компании мобильной связи города Душанбе / М.А. Алимова // Вестник Технологического университета Таджикистана №1(22), 2014. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 90-95;

[6-М]. Алимова М.А. Анализ основных региональных показателей развития рынка телекоммуникационных услуг / М.А. Алимова // Вестник Технологического университета Таджикистана, №1(22), 2014. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. -С.84-89;

[7-М]. Алимова М.А. Теоретические основы регионального рынка телекоммуникационных услуг / М.А. Алимова // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук №6, 2013. – С.55-62;

[8-М]. Алимова М.А. Основные направления регулирования рынка телекоммуникационных услуг в условиях либерализации внешнеторговой деятельности / М.А. Алимова // Вестник Таджикского государственного национального университета (научный журнал). – Душанбе, 2010. №2/7(98). – С. 64-69.

**в) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯи маводҳои конфренсия:**

[9-М]. Тулиев М.С., Алимова М.А. Арзёбии таъсири омилиҳо ба рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ / М.С., Тулиев, М.А. Алимова // Маводи конференсияи II – юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавӯи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир», бахшида «Бистсолаи омӯзиш ва

рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020 - 2040)» - Душанбе: ДДТТ, 2023. – 337 с. // С. 280 – 291.

[10-М]. Амонов С.С., Алимова М.А., Самтҳои асосии рушди муносибати бозори хизматрасонии иттилоотӣ дар асоси равиши захиравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.С. Амонов, М.А. Алимова // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир бахшида ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020-2040). (27-28 декабри соли 2022). - С.111-116.

[11-М]. Алимова М.А. Особенности рынка услуг мобильной связи в условиях перехода Республики Таджикистан в цифровую экономику / М.А. Алимова // Экономика, Бизнес, Инновации. Сборник статей XXII Международной научно-практической конференции, состоявшейся 15 апреля 2023 г. в г. Пенза - С.142-146;

[12-М]. Алимова М.А. Нормативно-правовое регулирование области мобильных телекоммуникаций на примере Таджикистана / М.А. Алимова // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (17-18 ноябри соли 2023) – Душанбе. 2023. -С 50-55;

[13-М]. Алимова М.А. Некоторые вопросы сбалансированного развития рынка информационно – коммуникационных услуг в Республике Таджикистан / М.А. Алимова // Масоили мубрами иктисод ва менеджмент дар Точикистони муосир (маводи конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ). - Душанбе: «Ирфон», 2012.-С.26-34;

[14-М]. Алимова М.А. Реорганизация предприятий, предоставляющих традиционные телекоммуникационные услуги / М.А.Алимова // Сиёсати саноатии Ҷумҳурии Точикистон: Муаммохо ва дурнамохо. Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе. 2009 -С.172-174;

[15-М]. Алимова М.А. Особенности формирования рынка информационно – телекоммуникационных услуг в сфере образования / М.А. Алимова // Материалы международной конференции: «Повышение качества образования на основе использования информационных и коммуникационных технологий». 5-6мая 2008г.- Душанбе. - С. 46 – 48;

[16-М]. Алимова М.А. Проблемы развития телекоммуникации и внедрения информационных услуг на предприятиях на АПК / М.А. Алимова // Сиёсати аграрӣ дар Тоҷикистон: Мушкилот ва дурнамои пешрафт (Маводи конфронси илми – назариявӣ бахшида ба 70 – солагии зодрӯзи устод Н. Гадоев, 28 – 29 – уми феврали соли 2008). - Душанбе. 2008. - С.132-136;

[17-М]. Алимова М.А. Формирование конкурентной среды в сфере предоставления телекоммуникационных услуг / М.А. Алимова // Национальная экономика: проблемы безопасности и конкурентоспособности. Материалы респ. науч.-практ. конф. (28-29 ноября 2007). - Душанбе. 2008. - С.231-234.

## 5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст. Инчунин натиҷаҳои амалии диссертатсия ба таври таҷрибавӣ дар корхонаи Zet-mobile истифода гардидадааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкатҳои фароҳамоварандаи хизматрасониҳои мобилӣ ва интернет ва дигар субъектҳои иқтисодӣ метавон истифода намуд. Санадҳои татбиқшаванда татбиқи натиҷаҳои амалии масъаларо инъикос менамояд.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мегардад, ки нақшаи иҷрои кори диссертатсионӣ: асосноккуниҳои назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ, коркарди амсилаҳои иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ, муайяннамоии самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Бо таҳқиқоти мазкур муаллиф дар коркарди такмили механизми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, муайянкунии самтҳои афзалиятнок, пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии бозор, муайянсозии мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо саҳми муайян гузоштааст. Натиҷаҳо ва мӯҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар кори диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

### Қарори ҷаласаи кафедра

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ маҷлиси кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ тақризи роҳбари илмӣ д.и.и., профессор А. Рауфи баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон: д.и.и., профессор Раҷабов Р.К., д.и.и., профессор Нидоев Н., инчунин н.и.ф-м., дотсент Азимбоев А. дар асоси овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна

*қарор мекунад:*

Диссертатсияи Алимова Мубoрак Алимҷоновна дар мавзӯи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъали додашуда 22 нафар дар маҷмуъ иштирок доштанд, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 18 |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 6 – уми феврали соли 2024, суратҷаласаи №7 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи иқтисодиёт
ва ташкили соҳибкорӣ, н.и.и., и.в. дотсент — Алимов К.К.

**Котиб:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ — Тӯлиев М.С.

***Имзои К.К., Алимов ва М.С., Тӯлиев-ро тасдиқ менамоям.***

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.